Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079-и назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ (734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Тошов Ҳоҷиакбар Мухидинович дар мавзуи «Масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ)**

Таҳаввулоти рӯзафзуни раванди ҷаҳонишавӣ ва суръат гирифтани равандҳои муосири муносибатҳои байналмилалӣ кишварҳои Осиёи Марказиро дар шароити нав ва печидаи рақобатҳои геополитикӣ қарор додааст. Шиддат гирифтани рақобатҳои геосиёсӣ, манфиатҷӯии қудратҳои ҷаҳонӣ ва афзоиши тамоюлҳои низоъбарангез боиси заиф гардидани низоми амнияти мавҷуда ва мураккаб гардидани муҳити сиёсиву амниятии минтақа шудаанд.

Дар баробари ин, ҳамчунин таҳдидҳое чун терроризм ва экстремизм, қочоқи маводи мухаддир, ҷинояткории муташаккил, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва паҳншавии идеологияҳои радикалӣ, ки хусусияти фаромиллӣ доранд, ба амнияти кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳдидҳои ҷиддӣ ворид намуда, зарурати таҳияи сиёсати мутақобилан ҳамоҳангшуда ва механизмҳои нави таъмини амниятро дар сатҳи минтақавӣ ба миён овардаанд. Ин таҳдидҳо на танҳо суботи дохилии ҳар як давлатро халалдор месозанд, балки боиси коҳиши эътимоди байнидавлатӣ ва афзоиши вобастагии кишварҳои минтақа аз қудратҳои беруна мегарданд, ки ин омил метавонад мустақилияти стратегии онҳоро зери хатар қарор диҳад.

Дар чунин шароит, таъмини амнияти минтақавӣ на танҳо ба ташаббусҳои мушаххаси ҳар як давлат, балки ба рушди ҳамгироии амниятӣ, эътирофи манфиатҳои миллӣ ва ҳамоҳангсозии сиёсати хориҷии кишварҳои минтақа вобастагии амиқ дорад. Дар доираи таҳқиқоти мазкур, муаллиф ба таҳлили назариявию методологии таҳдидҳои замони муосир ҳамчун омили хатарзо ба таҳкими амнияти минтақавӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст. Муаллиф дар боби аввали худ бештар ба масъалаи мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои таҳдидҳо аз ҷумла терроризм ва экстремизм назар намуда, таъкид кардааст, ки то ҳол мафҳуми онҳо дар зери як маъно мавридли истифода қарор намегирад. Ин номуайянии мафҳумӣ метавонад ба самаранокии муборизаи

муштарак бар зидди онҳо монеа эҷод намояд. Ҳамзамон, муаллиф фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистиро, ки амнияти кишварҳои Осиёи Марказиро зери хатар қарор медиҳанд, таҳлил намуда, ҳадафҳо ва усулҳои фаъолиятии онҳоро бо такя ба манбаъҳои илмӣ равшан намудааст. Ҳадафи нопоки онҳоро бо таври равшану возеҳ баён сохтааст.

Дар боби дуввум муаллиф таваҷҷуҳи асосии худро ба масъалаи ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чаҳорчӯби созмонҳои байналмилалии минтақавӣ, аз ҷумла Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ), Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (СААД) ва Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) дар заминаи муқовимат ба таҳдидҳои замони муосир ва таҳкими амнияти минтақавӣ равона намудааст. Муаллиф дуруст ишора мекунад, ки маҳз ИДМ дар оғози солҳои соҳибистиқлолии кишварҳои Осиёи Марказӣ, бахусус Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақши муҳимеро дар таъмини суботу амният ва рушди ҳамкориҳои бисёрҷониба бозидааст. Минбаъд, СААД ҳамчун як созмони муҳим ва механизми амниятии муштарак дар минтақа зуҳур намуда, дар ҳодисаҳои моҳи январи соли 2022 дар Ҷумҳурии Қазоқистон омодагии кишварҳои узви он ба посухи ҳамоҳанг ва муттаҳидро ба таҳдидҳои замони муосир нишон дод. Ҳамзамон, саҳми Созмони ҳамкории Шанхай низ дар мубориза бо се таҳдиди асосӣ – терроризм, экстремизм ва сепаратизм – аз ҷониби муаллиф мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтааст.

Дар боби сеюм, муҳаққиқ диққати худро ба нақши абарқудратҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла Федератсияи Россия, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар таҳкими амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ равона намудааст. Тавре таъкид мегардад, дар фазои мураккаби геополитикии муосир ҳеҷ як кишвар наметавонад мустақилона бо таҳдидҳои амниятӣ мубориза барад, бинобар ин, иштироки абарқудратҳо ҳамчун шарикони стратегӣ дар ин раванд аҳамияти махсус пайдо мекунад. Муаллиф зикр менамояд, ки давлатҳои минтақа бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ ва геополитикии худ дар ҳамкорӣ бо абарқудратҳои ҷаҳонӣ саъй доранд, ки роҳҳои муассири рафъи таҳдидҳои амниятӣ, махсусан дар самти муқовимат бо терроризм ва экстремизмро ба роҳ монанд. Дар ин росто, таҳлили муфассали муаллиф оид ба истифодаи неруи нарм (soft power) аз ҷониби ин давлатҳо бо дарназардошти амниятҳои миллии кишварҳои минтақа, аз ҷумла тавассути густариши ҳамкориҳои фарҳангӣ, таълимӣ ва дипломатӣ, қобили зикр аст. Муаллиф нишон медиҳад, ки истифодаи воситаҳои неруи нарм метавонад ба таҳкими суботи сиёсӣ ва амнияти умумиминтақавӣ мусоидат намояд. Дар анҷоми боб, муаллиф як қатор пешниҳодҳои амалии саривақтӣ ҷиҳати тақвияти муборизаи муассир бо таҳдидҳои амнияти муосир дар фазои Осиёи Марказӣ ва таҳкими ҳамгироии минтақавӣ дар ин самт ироа намудааст.

Бояд қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи Тошов Ҳ.М. аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, қисматҳои асосии таҳқиқот, хулоса, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, феҳристи интишороти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ва аннотатсия иборат мебошад.

Мутобиқи таҳлили мазмун, сохтор ва натиҷаҳои илмии рисолаи диссертатсионӣ, метавон ба хулоса омад, ки автореферат ба муҳтавои умумии таҳқиқот пурра мувофиқ буда, ба талаботи низомномаҳои амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Мавзуъ, ҳадаф, вазифа, асосҳои методологӣ ва натиҷаҳои бадастомада сатҳи баланди омодагии илмии муҳаққиқро собит намуда, шаҳодат медиҳанд, ки Тошов Ҳ.М. сазовори ба даст овардани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси сиёсатшиносӣ мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент
мудири кафедраи фалсафа ва
сиёсатшиносии ДАТ ба
номи Шириншоҳ Шоҳтемур **Асомадинов М.А.**

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146.
Тел.: (+992) 935084009

Имзои мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, н.и.с., дотсент Асомадинов М.А.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва
кадрҳои ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур **Қурбонзода А.Х.**

**Суроғаи муассиса:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146.
Тел.: (+992 37) 224 72 07;
E-mail: rectortau31@mail.ru
24.05.2025